**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич ба таҳқиқу пажуҳиши Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар он рӯзгору осор ва поэтикаи ашъори Озарахш бори аввал ба таври мушаххас мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертатсия имкон медиҳад, ки шахсияти адабии Озарахш самтҳои фаъолияти эҷодии ӯ дар адабиёти муосир ошкор гардида, бо ҳамин поэтикаи ашъори ин шоирии номвар дар адабиётшиносӣ муайян карда шавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир гардид, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқотест, ки поэтикаи ашъори Озарахш ва ҷойгоҳи ӯро дар шакли монографӣ ба таҳқиқ гирифта, бо далелу таҳлилҳои илмӣ, истеъдоди фитрӣ ва соҳиби лаёқати навпардозиҳои шоиронаи адибро собит менамояд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ дар раванди таснифи китобҳои дарсии адабиёт ва таърихи он, ки барои мактабҳои оливу миёнаи умумӣ тавсия мешаванд, таснифу тадвини дастурҳои таълимӣ аз фанни мазкур, маводи ёрирасон ба назарияи адабиёт ва нақди адабӣ, инчунин гузоришу мақолаҳои илмӣ ва методӣ маводи муфид хоҳад дод.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷумъаев Ҷумъабой ҳангоми баррасии мавзуъ дар диссертатсия аз афкори назариявӣ ва амалии муҳаққиқони машҳури ватаниву хориҷӣ, амсоли Р. Якобсон, Д. С. Лихачев, В. М. Жирмунский, Фердинанд де Соссюр, Бигзаби, Азро Поунд,

Маликушшуаро Баҳор, Ризо Бароҳанӣ, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Меҳрони Муҳоҷир, Зиё Муваҳҳид, Абдулқайюми Қавим, Туракул Зеҳнӣ, Хуршеда Отахонова, У. Тоиров, Х. Шарифов, А. Ҳаким, А. Сатторзода, Ю. Акбаров, М. Нарзиқул, Р. Ваҳҳоб ва дигарон самаранок истифода кардааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ифодаи мустақилонаи нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан мувофиқат дорад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши

амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва месазад, ки он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод шавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи **«Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-69-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

- **Нуров Нуралӣ Норович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

- **Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Худойдодов А.О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Рустамова Г.Р.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Шозиёева Г.П.

«1» апрели соли 2024